«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
________ Ибодзода З.Ҳ.
аз «26» 08 соли 2020 № 1

# НИЗОМНОМАИ
# ШӮРОИ ОЛИМОНИ
# МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

1. Дар асоси Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома оид ба Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 18/3 аз 26 майи соли 2006 тасдиқ шуда, инчунин бо мақсади таҳия ба татбиқ намудани вазифаҳои донишкада оид ба корҳои таълимӣ, илмӣ, табобатӣ, молиявию хоҷагӣ ва кори тарбиявӣ, дар сатҳи баланди касбӣ ҳал намудани вазифаҳои асосии он, таъмини сифати баланди тайёркунии мутахассисон дар назди ректор ва таҳти сарварии ӯ Шӯрои олимони МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» ташкил карда мешавад.
2. Шӯрои олимон дар муассисаи олии таълими мақоми идоракунандаи ҷамъиятию касбӣ дорад. Қарори Шӯрои олимон оид ба масъалаҳои хоста гирифтан, ҷо ба ҷо гузоштан, аз кор озод намудани кадрҳо ва фаъолияти хоҷагӣ ҳамчун тавсия қабул карда мешавад.
3. Вазифаи асосии Шӯрои олимони донишкада аз муттаҳид сохтани кӯшишҳои тамоми ҳайати кормандони донишкада баҳри амалӣ гардонидани қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар асноди меъёрӣ - ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асноди ҳуқуқии байналмилалие, ки онро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», қарорҳои ҳайати мушовара ва дигар қарорҳои қабул кардаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таъмини тайёркунии мутахассисони баландихтисос, кадрҳои илмию омӯзгорӣ, инкишофи минбаъдаи тадқиқоти илмӣ ва ба амал овардани корҳои тарбиявӣ, ҳалли масъалаҳои илмии амалӣ ва бунёдӣ оид ба самтҳои афзалиятдоштаи илмҳои тибби иҷтимоӣ, тараққии таҳқиқоти амалӣ дар байни донишҷӯён иборат мебошад.

4. Мақсад ва вазифаҳои Шӯрои олимони донишкада:
   - масъалаҳои ташкил кардан, барҳам додан, муттаҳид сохтан, ҷудо кардани факултетҳо, кафедраҳо, курсҳо, озмоишгоҳҳои илмӣ, клиникаҳо ва дигар кардани номи онҳоро ҳаллу фасл менамояд;
   - доир ба масъалаҳои ташкили раванди таълимиву тарбиявӣ, илмиву тадқиқотӣ ва табобатӣ қарор қабул менамояд;
   - самтҳои афзалиятноки таҳқиқот, ки барои рушди илму тибби амалӣ ва иҷтимоии мамлакат муҳим мебошад, дастгирӣ менамояд;
   - вазъи илмӣ амалии соҳаи тандурустӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, тавсияҳои дахлдор қабул менамояд;
   - мусоидат намудан ба дастовардҳои илм ва технологияи ҷаҳонӣ дар рушди тиб, иҷтимоиёт ва тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
   - дастгири намудани мутахассисони лаёқатманд, мусоидат намудан ба рушди эҷодии олимони ҷавон, тайёр кардани кадрҳои илмии тахассуси олӣ;
   - натиҷаҳои фаъолияти солонаи корҳои таълимӣ, илмиву таҳқиқоти, табобати ва тарбиявиро ҷамъбаст намуда оид ба беҳтар сохтани онҳо тавсияҳо медиҳад;
   - ҳисоботи роҳбарияти факултетҳо оид ба фаъолияти таълимӣ, таълимиву методӣ, илмиву таҳқиқотӣ, табобатӣ, корҳои тарбиявӣ, тайёр кардани мутахассисон, ҳисоботи фаъолияти ҷамъиятҳои илмии дар назди донишкада қарор доштаро муҳокима менамояд;
   - ҳисоботи мудирони кафедра ва курсҳоро аз руйи ҷамъбасти кори онҳо баъди ба охир расидани мӯҳлати ваколати намояндагии онҳо баррасӣ намуда, барои такроран интихоб кардан ё накардани онҳо хулоса пешниҳод менамояд;
   - нақшаи таълимии кори тайёр кардани мутахассисон ва ҷадвали ҷараёни дарсҳо ва номгӯи фанҳои баргузидаро тасдиқ намуда, инчунин тартиби тасдиқ намудани барномаҳои фанҳои дарсӣ, нақшаҳои таҳсили фардии аспирантҳо, докторантҳо, унвонҷӯён, доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос ва тартиби назорат аз болои рафти иҷрои онҳоро муайян менамояд;
   - масъалаҳои созмондиҳӣ ва мувофиқсозии раванди таҳсил, аз ҷумла ба ҷараёни таълим ворид намудани технологияҳои самараноки таълим, тағйир додани таносуби намудҳои гуногуни машғулиятҳои таълимиро ҳал намуда, ба пешрафти корҳои мустақилона ва амалии донишҷуён диққати махсус медиҳад;

- меъёрҳои намунавии вақтро барои муҳосибаи ҳаҷми кори таълимӣ, ки аз ҷониби профессорону омӯзгорон иҷро мегардад, тағйир медиҳад ва бо иловаҳо мукаммал месозад;
- самтҳои асосии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва методӣ, тақсимоти маблағ ва захираҳои меҳнатиро барои гузаронидани онҳо муайян мекунад;
- дар асоси арзёбии муосири фаъолияти илмӣ ва ташкилии бахшҳои илмӣ доир ба мувофиқи мақсад будан ва ё барҳам додани онҳо, қарор қабул менамояд;
- барои ишғоли вазифаҳои озоди ҳайати профессорону омӯзгорон, мудирони кафедраҳо, курсҳо, декани факултетҳо ва вазифаҳои илмӣ озмун мегузаронад;
- натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагии донишкадаро баррасӣ мекунад;
- асноди ҷуяндагони унвонҳои илмиро баррасӣ намуда, бо тартиби муқаррар гардида унвони илмии профессор ва дотсентиро медиҳад, баъдан барои тасдиқ гардидани онҳо ба ин унвон ҳуҷҷатҳоро ба Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад;
- номзадҳоро барои дарёфти идрорҳои номи ва инчунин идрорҳои Шӯрои олимон, ки барои таҳсилгирандагони дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисос, аспирантҳо, докторантҳо ва унвонҷӯён тасдиқ шудаанд, тавсия менамоянд;
- асноди кормандони илмию омӯзгорӣ, таҳсилгирандагони дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисос, аспирантҳо, докторантҳо ва унвонҷӯёни донишкадаро барои гирифтани дараҷаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳо барои ҳимояи диссертатсияҳо ба шӯроҳои диссертатсионӣ баррасӣ мекунад;
- асноди оид ба пешниҳод намудани кормандони илмӣ-омӯзгории донишкада ба мукофотҳои ҳукуматӣ, мукофотҳои давлатӣ ва байналмилалӣ баррасӣ менамояд;
- номзадҳоро барои шомил шудан ба давраи таҳсили дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисос, докторантура, аспирантура, инчунин барои додани рухсатии эҷодии (отпуски) 6 моҳа ва 3 моҳа барои ба анҷом расонидани рисолаҳои номзади ва доктори, таълифи китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ то як сол тавсия намуда, мавзӯъи рисолаҳои PhD, номзади ва доктириро тасдиқ менамояд;
- масъалаҳои дигари марбут ва фаъолияти донишкада, ки дар ҳудуди ҳуқуқии он аст баррасӣ мекунад.

5. Шӯрои олимони донишкада дар ҳайати ректор (раис), котиби илмӣ, муовинони ректор, деканҳои факултетҳо, мудирони кафедраҳо (умумидонишкадавӣ ва факултетӣ), мудири китобхона, мудирони шӯъбаҳои таълим ва илм, аспирантура, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин профессорону омӯзгорон ва кормандони илмии ҷудогонаи донишкада, ки Шӯроҳои факултетҳо пешбари мекунанд, ташкил карда мешаванд.

Ба ҳайати Шӯрои олимони донишкада метавонанд муассис, унвонгирони дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисос, аспирантон, докторантҳо ва унвонҷуён низ дохил шаванд.

Шӯрои олимони донишкада дар ҳайати зерин ташкил карда мешавад:

- ҳайати асосии Шӯрои олимон (ректор, муассис, муовинони ректор, деканҳои факултетҳо, сардори шуъбаи кадрҳо, мудири китобхона, мудирони шуъбаҳои таълим ва илм, аспирантура, мудирони кафедраҳои умумидонишкадавӣ, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар шӯъбаю сохторҳои таркибии донишкада) дар ҳаҷми 50% - ҳайати умумии Шӯрои олимони донишкада аз ҷониби ректор ташкил карда мешавад. Мудирони кафедраҳои факултетҳо, намояндагони ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои факултетҳо, ки онҳоро Шӯрои факултетҳо пешбарӣ менамоянд ва инчунин намояндагони шуъбаи илмиву таълимӣ, ки онҳоро маҷлиси умумӣ интихоб менамояд (ба теъдоди намояндагони факултетҳо, кормандони илмӣ, докторантҳо, аспирантҳо ва унвонҷуён низ шомил шуда метавонанд) 50%-и ҳайати умумии Шӯрои олимонро ташкил медиҳад. Миқдори аъзои Шӯрои олимон аз ҷумлаи ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ, докторантҳо, аспирантҳо ва унвонҷуён, ки онҳоро Шӯрои факултет ва марказ (Шӯро)-и илмию таҳқиқоти интихоб менамоянд, бо фармоиши ректори донишкада муайян карда мешавад.

6. Ҳайати Шӯрои олимон бо фармоиши ректори донишкада ба муддати 3(се) сол тасдиқ карда мешавад. Дар мавриди то ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз ҳайат баромадани (бозхонди) аъзои Шӯрои олимон, пурра кардани ҳайат то ба миқдори муқаррар шуда чун қоида, дар аввали соли таҳсил бо ҳамон тартибе, ки Шӯрои олимон ташкил карда мешавад, сурат мегирад.

7. Кори Шӯрои олимон тибқи нақшае, ки барои ҳар нимсола таҳия карда мешавад, сурат мегирад. Нақшаи кории Шӯрои олимонро ректори донишкада баъди аз ҷониби Шӯро баррасӣ гардидани он тасдиқ менамояд.

8. Қарори Шӯрои олимон оид ба ҳама масъалаҳои таълимиву илмӣ, корҳои табобатӣ, тарбиявӣ, молиявию хоҷагӣ бо роҳи овоздиҳии ошкоро, бо

аксарияти оддии овозҳо қабул карда мешаванд, вале ҳангоми гузаронидани озмун барои ишғоли вазифаҳои озоди ҳайати профессорону омӯзгорон ва ҳайати илмӣ, мудирони кафедра ва курсҳо, додани унвони илмии профессор, дотсент, овоздиҳӣ мувофиқи тартиби муқарраршуда, бо таври овоздиҳии махфӣ сурат мегирад.

9. Ҷаласаи Шӯро протокол карда мешавад. Протоколҳоро раиси Шӯро ва котиби илмии Шӯрои олимон имзо мегузоранд.
10. Қарорҳои Шӯрои олимон баъди аз ҷониби ректори донишкада тасдиқ шуданашон эътибор пайдо мекунанд.
11. Раиси Шӯро тафтиши мунтазами иҷрои қарорҳои Шӯрои олимонро ташкил намуда, дар бораи иҷро шудани қарорҳои қабулшуда ба аъзоёни Шӯрои олимон маълумот медиҳад.
12. Ректори донишкада қарорҳои Шӯрои олимонро дар мавриде, ки онҳо бар хилофи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои мақомоти болои қабул шуда бошанд ва ё қарори қабулшуда ба равандҳои таълимиву илмӣ, тарбиявӣ, табобатӣ ва дигар масъалаҳое, ки ба фаъолияти пурсамари донишкада зарар расонида метавонад, барҳам диҳад.

Низомнома дар ҷаласаи умумии ҳайати профессорону омӯзгорони донишкада бо иштироки муассиси донишкада «20» 08 соли 2020 (суратҷаласаи №1) баррасӣ гардида, маъқул дониста шудааст.